«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода М.Р. _______________
«____» __________2024.

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09-Фолклоршиносӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи "Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода" ба банди 5-уми бахши "Соҳаҳои таҳқиқот"-и шиносномаи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ комилан мувофиқ аст.

Бояд зикр кард, ки як бахши муҳимми фолклори тоҷикро эҷодиёти шоирони халқӣ (мардумӣ) ташкил медиҳад. Шоирони мардумӣ адибоне ҳастанд, ки ашъори худро дар сабку салиқаи адабиёти гуфторӣ эҷод мекунанд ва саводи адабии ин суханварон дар муҳити осори гуфтории мардум ташаккул меёбад. Шоирони мардумиро муҳаққиқон ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд, ки он дар фолклори тоҷик воқеият дорад. Гурӯҳи аввал онҳое, ки хату саводи лозимӣ надоранд, вале завқу истеъдоди шоирӣ доранд. Гурӯҳи дуюм онҳое, ки навиштану хонданро дар сатҳи лозимӣ метавонанд, вале дар сабку ҳавои назми гуфторӣ эҷод мекунанд. Саид Холзода ба гурӯҳи дуюми шоирони халқӣ (мардумӣ) дохил мешавад. Ҳарчанд Саид Холзода аз худ мероси адабии боарзиш боқӣ гузошта бошад ҳам, аҳволу осори ӯ то кунун дар сатҳи лозимӣ таҳқиқ нашудааст. Қаблан, адибону олимони маъруф А. Деҳотӣ, Р. Амонов, А. Сӯфиев, Б. Шермуҳаммадов дар навиштаҳо ва пажуҳишҳояшон ба шахсияти адабӣ ва ашъори Саид Холзода ишораҳои қобили мулоҳиза намуда буданд. Баъди бо ибтикори адабиётшиноси тоҷик С. Саидов ба нашр расидани "Куллиёти ашъор"-и шоир ба аҳволу ашъори ӯ таваҷҷуҳи бештар зоҳир шуда истодааст. Аз ин рӯ, метавон таълифи диссертатсияи Н. Самиеваро дар робита ба омӯзиши ашъори Саид Холзода муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ намуд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Тавзеҳи муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, вазифаҳои асосии диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, навгониҳои илмии таҳқиқ, моҳияти назарию амалии он, сохтори умумии кор, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муҳаққиқ саҳм ва нуқтаи назари ӯро дар робита ба мавзуи мавриди пажуҳиш инъикос мекунад. Илова бар ин, саҳми

муаллиф дар омӯзиши назария ва консепсияҳои маъруфи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, ки ба масоили мавриди назари диссертант иртибот доранд, зоҳир мешавад. Таҳлилу баррасиҳои муфассали мавзуъ, таҳияи мақолаву гузоришҳои илмӣ низ ифодагари нуқтаи назари диссертант маҳсуб меёбанд. Муаллиф ҳангоми таҳқиқ, масъалагузорӣ ва баррасиҳояш аз зарфиятҳои усулҳои маъруфи таҳқиқи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, равия ва ҷараёнҳои муосири илмӣ истифода мебарад.

Диссертатсияи номбурда бо истифода аз шеваҳои таҳқиқи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, аз қабили методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили сохторӣ ва ғайра таълиф гардидааст. Бартарии усулҳои мазкур дар он аст, ки падидаҳои адабию ҳунарӣ бидуни таҳриф дар контексти воқеиятҳои замони муайяни таърихӣ омӯхта мешаванд. Бояд гуфт, ки аксари шеъру достонҳои Саид Холзода бо воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва таърихию фарҳангии садаи XX алоқаи ногусастанӣ доранд. Таҳлил, муҳокимаронӣ ва баҳсҳои илмии диссертант дар робита ба асарҳои алоҳидаи шоири мардумӣ дар бобу фаслҳои ҷудогонаи диссертатсия муҳим, саривақтӣ ва арзишманд арзёбӣ мешавад. Дар маҷмуъ, метавон таъкид кард, ки диссертатсияи номзадии Самиева Нисо таҳқиқоти комил ва бааҷомрасида мебошад. Дар он мавзуъ ва масъалаҳо ба таври мураттаб баён мегарданд. Диссертатсия дорои тарҳи дуруст ва аз нигоҳи алоқамандии бобу фаслҳо муназзам буда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи он қобили қабул аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи "Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода" аз муқаддима, собиқаи омӯзиши мавзуъ, тавзеҳи умумии таҳқиқ, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натоиҷи таҳқиқ, китобнома ва номгӯи таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки аҳволу осори шоири халқӣ Саид Холзода ва хосса, ҷанбаҳои адабию ҳунарии ашъори ӯ бори нахуст дар шакли монографӣ таҳқиқ мешавад. Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар асоснокии илмӣ, дарки саҳеҳи ҷанбаҳои мардумии ашъори шоир, фаъолияти адабию эҷодии ӯ, корбасти суннатҳо ва аносири шеъри халқӣ ва шеъри классикии форсии тоҷикӣ зоҳир мешавад. Таҳқиқоти мазкур на танҳо барои омӯзиши ашъори шоирони мардумӣ мусоидат менамояд, балки он барои таълифи корҳои илмӣ ва китобу дастурҳои таълимии фанҳои фолклоршиносӣ ва таърихи адабиёти тоҷик аз аҳамият холӣ нест.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммият ва мубрамияти мавзуъ, собиқаи таҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии омӯзиши он тавзеҳ ёфтаанд. Инчунин, масоили мавриди назари диссертант дар бахши

нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда зикр мегардад. Диссертатсия аз нигоҳи тарҳи умумии илмӣ ва сохтор муназзам буда, барои зина ба зина ҳал кардани проблемаҳои марбути мавзуъ мусоидат намудааст. Бобу фаслҳои диссертатсия ҳам аз лиҳози пайдарҳамии гузориши масъалаҳо ва ҳам аз ҷиҳати ҳалли пайвастаи онҳо ба ҳамдигар алоқаи устувори мантиқӣ доранд.

Диссертант дар ду фасли асосии боби аввали диссертатсия, ки "Рӯзгор ва осори шоири мардумӣ Саид Холзода" унвон дорад, зиндагинома ва осори шоирро муфассал баррасӣ менамояд. Вай таъкид мекунад, ки Саид Холзода соли 1916 дар деҳаи Марзичи Заҳматобод дар оилаи Холи Такфонӣ ба дунё омадааст. Мутолиаи достонҳои шоир "Ду ҳаёт", "Ишқи модар", "Саргузашти ҷабрдида", ки дорои хусусияти шарҳиҳолиянд, нишон медиҳад, ки Саид Холзода дар аҳди ҷавонию наврасӣ ба мушкилиҳои зиёде дар зиндагӣ дучор омадааст. Махсусан, чанд маротиба аз ин ноҳия ба он ноҳия кӯч бастани оилааш далели рӯзгори нобасомони хонаводаи адиб мебошад. Саид Холзода модарашро, ки зани соҳибзавқ ва донандаи хуби ашъору осори фолклорӣ будааст, устоди нахустини худ меҳисобад. Шоир дар курсҳои маҳви бесаводӣ таҳсил намуда, баъдан, дар мактабҳои деҳоти дурдасти водии Фалғар ба касби муаллимӣ машғул мешавад. Бо вуҷуди ба касбу пешаҳои гуногун машғул будан Саид Холзода фаъолияти эҷодиро идома дода, аз худ мероси адабии арзишмандеро боқӣ гузоштааст.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия Н. Самиева осори шоирро ҳам аз нигоҳи мазмуну ғоя ва ҳам аз лиҳози ҷанбаҳои мардумию фолклории он ба таҳқиқ гирифтааст. Диссертант таъкид менамояд, ки Саид Холзода аз нимаи дуюми солҳои сиюми садаи XX ба фаъолияти босамари адабию эҷодӣ машғул мешавад. Шеъру достонҳои ӯ солҳои сиюм ва панҷоҳуми асри XX дар матбуоти даврӣ пайваста ба нашр мерасиданд. Шеърҳои "Шарри замона", "Ватан-модар", "Варзоби ман", "Аризаи манзум", достонҳои "Ду ҳаёт", "Таассуроти Маскав", "Имдоди Ленин", "Чоҳкан зери чоҳ", "Инқилоб", "Саргузашти ҷабрдида" ва ғайра маҳсули қалами шоиранд, ки дар ҳамон солҳо бо ҳидояти устод А. Деҳотӣ ба нашр расида буданд. Саид Холзода дар баробари анвои дигари ашъори ғиноӣ, дар маҷмуъ, ҳашт достон сурудааст, ки дар онҳо мавзуъҳои доғи зиндагии ҳамон солҳо мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Ашъори Саид Холзода тибқи ишораи диссертант ҳам аз нигоҳи мавзую муҳтаво ва ҳам аз лиҳози асолати адабию ҳунарӣ вижагиҳои қобили андеша дорад.

Диссертант эҷодиёти шоирро дар констекти воқеиятҳои замони зиндагии ӯ ба таҳқиқ мегирад, ки ин мантиқист. Бояд гуфт, ки дар солҳои сию панҷоҳи асри гузашта дар баробари рушду таҳаввули шеъри тоҷикӣ дар он тафаккури фолклорию омиёна низ таъсири амиқ дошт. Ба майдон омадани шоирони мардумие, мисли С. Ализода, Б. Худойдодзода, Ю. Вафо ва дигарон далели равшани гуфтаҳои болост. Саид Холзода ҳам аз

ҷумлаи шоирони мардумии ҳамрадифи онҳост. Аммо, мутаассифона, эҷодиёти Саид Холзода то замони ба нашр расидани “Куллиёти ашъор”-и ӯ як андоза аз назари муҳаққиқон ва фолклоршиносон дур монда буд. Масъалаи мазкур дар диссертатсияи Н. Самиева бори аввал ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Боби дуюми диссертасия “Сохтор ва анвои жанрии ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” унвон дошта, дар чаҳор фасли он масъалаҳои таъсирпазирии шоир, анвои шеърии ашъори ӯ, вижагиҳои адабию ҳунарии достонҳои Саид Холзода, корбасти қофия, радиф, санъатҳои бадеӣ ва авзони шеърҳои шоири мардумӣ ба таҳқиқ омадаанд. Таъкид мешавад, ки Саид Холзода дар баробари эҷоди достонҳои ҷолиб, дар жанрҳои суннатии шеъри тоҷикӣ, аз қабили ғазал, рубоӣ, манзума, маснавӣ, фард, номаҳои манзум, суруд ва ғайра табъозмоӣ намуда, ашъори ҷолиберо ба мерос гузоштааст.

Н. Самиева бо истифода аз шеваҳои таҳқиқи қиёсию таърихӣ ва оморӣ-таҳқиқӣ муҳимтарин ҷанбаҳои адабию ҳунарии ашъори Саид Холзодаро муайян месозад. Вай таъкид менамояд, ки шоир аз тараннумгарони фаъоли мавзуъҳои ишқи Ватан, сохтмони роҳҳои нав, ободии шаҳру деҳот, озодихоҳии мардуми заҳматкаш ва пешравиҳои Ватан будааст.

Саид Холзода дар эҷоди шеър, асосан аз баҳрҳои маъруфи арузи тоҷикӣ ва шеваҳои маъмули қофиясозии шеъри классикӣ кор гирифтааст, ки ин далели бо назария ва поэтикаи шеъри суннатӣ ошноии комил доштани ӯ мебошад.

Масъалаи бадеияти ашъори Саид Холзода, корбасти санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир ва забону сабки баёни ин адиби мардумӣ дар боби сеюми диссертатсия дар се фасли алоҳида бо таҳлилҳои муфассал таҳқиқ шудааст. Таъкид мешавад, ки Саид Холзода ҳамчун қаламкаши соҳибҳунар дар ашъораш, дар баёни мавзуъҳо ва ҳолатҳои ҳассоси зиндагӣ, аз санъатҳои бадеӣ, мисли ташбеҳ, истиора, маҷоз, тавсиф, ташхис, талмеҳ ва ғайра фаровон истифода мекунад, ки ин далели маҳорати хуби суханварии ӯст. Диссертант зимни таҳлили ашъори Саид Холзода истифодаи ҳар як санъати бадеиро бо овардани шоҳидҳои мушаххас аз ашъори шоир тавзеҳ медиҳад. Вай собит месозад, ки Саид Холзода дар истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ маҳорати хос дорад.

Дар масъалаи истифодаи забон бошад, муҳаққиқ зикр кардааст, ки шоир сабку шеваи баёни забони адабии замони зиндагӣ ва эҷодашро, ки хеле мардумӣ буд, истифода менамояд. Далели ин дар ашъори шоир ба таври фаровон истифода шудани вожаҳои иқтибосӣ, калимаҳои ба истилоҳи ҳамон давра русию интернатсионалистӣ, ифодаҳои маъмули мардумию лаҳҷавӣ аст. Аз тарафи дигар, истифодаи вожаю ифодаҳои зикршударо худи сабки баёни мардумӣ ва омиёнаи шоир тақозо кардааст. Диссертант дуруст таъкид мекунад, ки забони шоир бою ғанӣ буда, ӯ ҳангоми офариниши образ аз калимаву таъбирҳои хотирмон

истифода кардааст, зеро худи сабки баёни шоири мардумӣ истифодаи калимаҳои мушкилфаҳму бегонаро намеписандад. Аз ин дидгоҳ метавон таъкид кард, ки забони ашъори Саид Холзода сода, равон, таъбиру ифодаҳои мардумии корбастнамудааш гӯшнавоз ва ба сабки баёни адабиёти замони зиндагиаш мувофиқ аст.

Дар хулосаи кор натиҷагириҳо ва хулосаҳои диссертант дар даҳ банд пешниҳод мешавад, ки онҳо бозгӯкунандаи бардоштҳои илмию таҳқиқотии муҳаққиқ аз баррасии мавзуанд.

Дар баробари муҳассаноти зикргардида дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо, бешубҳа, ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ хеле тулонӣ ва ба таври умумӣ баён мешавад. Агар ин масъала мушаххастар баён мешуд, беҳтар буд.

2. Дар бахши предмети таҳқиқ, дар баробари "Куллиёти ашъор"- и Саид Холзода агар нашрҳои дигари шеъру достонҳои шоир низ зикр мешуд, бахши муқаддима комилтар мегардид. Зеро бисёре аз шеъру достонҳои Саид Холзода дар замони зиндагии шоир дар матбуоти даврӣ ва маҷмуаҳои дастаҷамъӣ борҳо ба нашр расида буд.

3. Дар боби якуми диссертатсия агар таъсирпазирии Саид Холзода аз адабиёти гуфторӣ дар фасли алоҳида, ё дар зерфасли ҷудогонаи фасли дуюм баррасӣ мешуд, ҳадафи диссертант амиқтар равшан мегардид.

4. Дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия агар достонҳои Саид Холзода бо достонҳои дар ҳамон солҳо таълифнамудаи шоирони муосири Саид Холзода ҷо-ҷо қиёсан баррасӣ мегардид, арзиши илмӣ ва пажуҳишии диссертатсияи мазкур меафзуд.

5. Дар автореферати диссертатсия муҳтавои фасли аввали боби дуюм, ки дар мавриди истифодаи меъёрҳои анвои суннатии шеърӣ аст, хеле кӯтоҳ баён шудааст ва он масъаларо ба пуррагӣ равшан намесозад.

6. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоию китобат ва ҳатто услубӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Эродҳои зикргардида ислоҳшаванда буда, арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коста намегардонанд. Диссертатсияи Н. Самиева таҳқиқоти комилу фарогири илмӣ буда, мазмуни он бо автореферат, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дорад. Нуктаҳои асосӣ ва муҳимми таҳқиқоти мазкур дар 7 мақолаи диссертант, аз ҷумла 5 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Руссия банашррасондаи муҳаққиқ ифода ёфтаанд.

Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ дар охири автореферати он оварда шудааст, моҳияти илмии тадқиқоти мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи "Поэтикаи

ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода" тадқиқоти комилан бaанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 3-юми майи соли 2024, суратҷаласаи №10 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" -12 нафар, "зид"- нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои филологӣ** **Аҳмадов С.Г.**

**Эксперт:**
**Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Икромов И.**

**Котиби ҷаласа:**
**Номзади илмҳои филологӣ, сармуаллими кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Маҳмадалиева М.Р.**

**Имзоҳои С. Аҳмадов, И. Икромов ва М. Маҳмадалиеваро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ.А.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; Email: bqu-1978@mail.ru**

**«_7_» _майи_ с. 2024**